**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Шоназаров Зарбахтҷон Музаффарович дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии вожаҳои бемуодил дар забонҳои фаронсавӣ ва тоҷикӣ аз нигоҳи забоншиносии фарҳангӣ ва тарҷума (бар мабнои романи Густав Флобер «Хонум Боварӣ»)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 - Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ - таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)**

Дар шароити кунунии вусъатёбии муносибатҳои бисёрҷанбаи муштараки кишварҳо, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мамолики олам, алалхусус, минтақаи Аврупо, таҳқиқ ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла забони фаронсавӣ, ки яке аз забонҳои паҳншуда ва забони расмии Созмони милали муттаҳид ба шумор меравал, аҳамияти тоза касб менамояд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки таваҷҷуҳи мутахассисони тоҷик ба забони фаронсавӣ, назар ба забонҳои дигар, масалан, забонҳои русӣ ва англисӣ чандон қонеъкунанда нест. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи муқоисавӣ ва масъалаҳои тарҷума дар мисоли забонҳои фаронсавӣ ва тоҷикӣ мубрам, саривақтӣ ва аҳамиятнок маҳсуб меёбад.

Дар таҳқиқоти нахустини забонҳои хориҷӣ дар муқоиса бо забони тоҷикӣ мавриди таваҷҷуҳи хоса қарор додани унсурҳое, ки хоси як забон буда, дар забонҳои дигар ҳамто надоранд ва барои тарҷумаи онҳо аз мутахассисон донишҳои махсусро тақозо мекунанд, ба мақсад мувофиқ аст. Интихоби вожаҳои бемуодил ва таҳқиқи онҳо аз нигоҳи забоншиносии фарҳангӣ ва тарҷума дар мисоли забонҳои фаронсавӣ ва тоҷикӣ аз ҷониби муҳаққиқ Шоназаров Зарбахтҷон Музаффарович мубрамӣ ва аҳамияти илмию назариявии мавзуъро боз ҳам тақвият мебахшад.

Диссертатсияи Шоназаров З.М. аз муқаддима, се боб, хулоса, феҳрасти адабиёт ва замима иборат аст.

Дар муқаддима муаллиф интихоби мавзуи таҳқиқотии худро асоснок намуда, ба дараҷаи омӯзиш, аҳаммият ва мақсаду вазифаҳои он равшанӣ меандозад ва ҳамчунин оид ба объекти таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия маълумот медиҳад.

Боби якуми диссертатсия “Асосҳои назариявии таҳқиқоти вожаҳои бемуодил дар забоншиносии муқоисавӣ ва тарҷумашиносӣ” ба масъалаҳои назариявии вожаҳои бемуодил дар забоншиносии рус, тоҷик ва ҳамчунин омӯзиши ақидаҳои олимони Ғарб, таснифоти онҳо ва аҳаммияти асарҳои Густав Флобер “Хонум Боварӣ” бахшида шудааст. Шоназаров З.М. дар кори худ ба ақидаҳои олимони зерини соҳа такя намудааст: Е.М. Верешагин, В.Г. Костомаров, А.Д. Швейтсер, В.Н. Бархударов, Г.Д. Томахин, А.В. Фёдоров, Л.К. Латишев, В.Н. Крупнов, З.Г. Прошина,

В.Н.Комиссаров, С.Влахов, С.Флорин, М.И. Дубровин, А.В.Кунин, Г. А. Стефанович, К. Фокс, Э. Менинг, П.Ҷамшедов, С.Ҷаматов, Ф.М. Турсунов ва дигарон.

Дар ин боб муҳаққиқ қайд менамояд, ки таҳқиқоти вожаҳои бемуодили забон вазифаи нав нест, вале вобаста ба вазъи имрӯза ва сатҳи мусоиди робитаҳои забонҳои тоҷикӣ, фаронсавӣ ва англисӣ, бешубҳа, таҳқиқу баррасии онҳо аз нигоҳи тоза ва талаботи рӯз аз аҳамияти илмӣ ва амалӣ бархӯрдор аст. Муодилнокӣ ва бемуодилӣ ҷанбаи хеле муҳимми мушкилоти тарҷумапазирӣ ва тарҷуманопазириро ба вуҷуд меорад. Баъзан, ҳангоми тарҷума калима дар забони тарҷумашаванда муодили худро дорад, лекин дар мавридҳои ҷудогона тарҷумон нигоҳ доштани калимаи забони мабдаъро дар шакли аслиаш афзалтар медонад. Ин ҳам аз ҳолатҳои ҷолиби фаъолияти тарҷумонист, ки муаллиф дар кори худ ба онҳо дахл мекунад.

Дар боби дуюм таҳти унвони "Таҳлили муқоисавии вожаҳои бемуодил дар фазои забон ва фарҳанги фаронсавӣ ва тоҷикӣ" муаллиф воҳидҳои бемуодили забонро аз рӯи гурӯҳбандии муайян дар забонҳои мавриди назар таҳлил намудааст, ки реалияҳо, ономастика, экзотизмҳо, экзотизмҳои сохторӣ, воҳидҳои фразеологӣ, ихтисораҳо ва ғайраро дар бар мегиранд.

Боби сеюми диссертатсия бо номи «Ҳусни тарҷумаи вожаҳои бемуодил аз забони фаронсавӣ ба забони тоҷикӣ дар мисоли романи Густав Флобер "Madame Bovary" – "Хонум Боварӣ" бо ҷалби маводди забони англисӣ" ба таҳлили сифати тарҷумаи вожаҳои бемуодил - реалияҳо, экзотизмҳои сохторӣ, ономастика, нидо ва ғайра бахшида шудааст. Гуфтан ҷоиз аст, ки муаллифи диссертатсия дар асоси қоидаву меъёрҳои назариявӣ мисолҳоро таҳлил намуда, дараҷаи татбиқи усулҳои тарҷумаро дар ҳолатҳои мушаххас нишон додааст ва ба хулосаҳои мантиқӣ расидааст.

Дар охири диссертатсия муаллиф аз таҳқиқ натиҷагирӣ намуда, маҳсули кори худро дар шакли хулосаҳои мушаххас ҷой додааст.

Дар замимаи диссертатсия ҷадвали сезабонаи ҷумлаҳо бо мисолҳои вожаҳои бемуодил оварда шудааст.

Диссертатсияи мавриди тақриз, бешубҳа, ба рушди илми забоншиносии муқоисавӣ ва такмили омӯзиши вожаҳои бемуодил аз нигоҳи забоншиносии фарҳангӣ ва тарҷума ҳангоми омӯзиш ва истифодаи забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ мусоидат хоҳад кард.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Шоназаров Зарбахтҷон Музаффарович дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии вожаҳои бемуодил дар забонҳои фаронсавӣ ва тоҷикӣ аз нигоҳи забоншиносии фарҳангӣ ва тарҷума (бар мабнои романи Густав Флобер «Хонум Боварӣ»)» кори таҳқиқотии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботи таҳияи диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-и Комиссияи олии аттестатсионии назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

**Роҳбари илмӣ,**
**доктори илми филология,**
**профессори кафедраи забоншиносии**
**муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи**
**Донишгоҳи байналмилалии забонҳои**
**хориҷии Тоҷикистон**
**ба номи Сотим Улуғзода** **Турсунов Фаёзҷон Мелибоевич**

Нишонӣ:
734019, ш. Душанбе,
к. Муҳаммадиев 17/6
Нишонии электронӣ: rectorat@ddzt.tj
Телефон: (+992 37) 232 50 03

Имзои Турсунов Фаёзҷон
Мелибоевичро тасдиқ мекунам
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои
хориҷии Тоикистон
ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна
20.06.2023